**ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ**

**ба диссертатсияи Тоҷидинзода Парвина дар мавзуи «Вижагиҳои ибораҳои номӣ дар насри мусаҷҷаъ (дар заминаи осори Абдуллоҳи Ансорӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ). – Душанбе, 2025. – 174 с.**

Дар забоншиносии тоҷик бар пояи осори алоҳида таҳқиқ намудани вижагиҳои марҳилаи муайяне аз давраи амалкарди забон ба ҳукми анъана даромадааст, «Расоили форсӣ» аз ҷумлаи кутуби маъруфи замони худ буда, имрӯз низ шуҳрати он коста нашудааст. Муаллифи «Расоили форсӣ» - Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ҳамчун саромади саҷънависон ва суфиёни замони худ шуҳрати беандоза дорад. Ба муҳаққиқони забоншинос маълум аст, ки дар замони муосир яке аз масъалаҳои ниёзманди таҳқиқ ва баҳсноки забони тоҷикӣ омӯзиши вижагиҳои хосси забони тоҷикӣ дар мароҳили муайяни таърихӣ мебошад, ки дар ин замина интихоби «Расоили форсӣ» ҳамчун намунаи боризи сабки мусаҷҷаънависии забон ва осори асри X1- X11 мебошад, барои таҳқиқи забоншиносӣ хеле мувофиқ ва амри зарурӣ дониста мешавад. «Расоили форсӣ» яке аз осори машҳурест, ки дар он осори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ дар шакли маҷмуӣ гирдоварӣ дар қолиби китоби алоҳида нашр карда шудааст.

Дар забоншиносии муосири тоҷикӣ масъалаи омӯзиши синтаксис яке аз масъалаҳои муҳим ва ҳалталабест, ки ба он нисбатан камтар таваҷҷуҳ шудааст, алалхусус, бисёре аз масоили марбут ба иборасозӣ, тарзи ифодаҳои меъёрии ибораҳо дар ҳазораи охири ташаккули забони мо то кунун баҳснок ва ҳалталаб боқӣ мондааст. Таҳқиқи мазкур ҳамчун намунае дар роҳҳои шинохти ибораҳо, тарзи ифода ва сохти дастурии ибораҳо дар таркиби матнҳои мусаҷҷаъ маҳсуб меёбад, бинобар ин, мавзуи мазкур арзиши баланди илмӣ-амалӣ дорад. Аз ин ҷиҳат, сабабҳо ва хусусиёти грамматикии иборасозӣ, ҷумласозӣ дар шакли масъалаи муҳимме, ки ниёз ба таҳқиқ ва таҳлилу баррасии илмӣ дорад, боқӣ мемонад. Мавзуи мунтахаби диссертант Тоҷидинзода Парвина таҳти унвони «Вижагиҳои ибораҳои номӣ дар насри мусаҷҷаъ (дар заминаи осори Абдуллоҳи Ансорӣ)» масъалаи муҳим ва иқдоме шоиста дар пажуҳиши хусусиятҳои грамматикии забони тоҷикӣ мебошад. Мавзуи таҳқиқии мавриди назар аз зумраи мавзуъҳоест, ки ба самти забоншиносӣ ва шиносномаи ихтисоси илмии 6D020502 – Забони тоҷикӣ мувофиқат менамояд.

**Аҳаммияти мавзуи** диссертатсияи Тоҷидинзода Парвина дар он зуҳур меёбад, ки натоиҷи онро метавон дар таҳияи китоб ва дастурҳои синтаксисии забони тоҷикӣ, пешниҳоди назарияҳои марбут ба синтаксис ва ҳамчунин, дар таълифи китобҳо ва дастурҳои таълимии марбут ба грамматика ва сохтмони забони адабии муосири тоҷикӣ истифода кард. Маводи аз ин таҳқиқ бадастомада метавонад дар макотиби олӣ зимни таълими курси синтаксис, морфология ва хондани семинарҳо ва курсҳои махсуси марбут ба марҳилаи инкишофи забони адабии тоҷикӣ дар замони Ғазнавиён ва истиқлол истифода шавад.

Ҳадафи диссертатсияи мазкур таҳлили вижагиҳои забонӣ ва хусусиятҳои матни «Расоили форсӣ», ки «аз нигоҳи илми забоншиносӣ то ҳол таҳқиқ нагардидааст ва таҳлилу баррасии хусусиятҳои забонӣ ва воҳидҳои забон дар ин асар аз тарафи муҳаққиқони кишварҳои дигар анҷом ёфтааст» унвон шуда, вижагиҳои сохтор, маъно, услуб ва тарзу нозукиҳои корбурди ибораҳои номӣ ва хусусиятҳои ифоданокиву муассирии ибораҳои номӣ дар насри мусаҷҷаъ аз рӯйи маводи «Расоили форсӣ»-и Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ муқаррар шудааст, ки барои муайян намудани нақшу мақоми ибораҳои номӣ дар забони адабӣ мусоидат менамояд. Аз ин лиҳоз, Тоҷидинзода дар ин кори диссертатсионӣ кӯшиш намудааст, ки мақсади хешро дар муайян намудани хусусиятҳои синтаксисии «Расоили форсӣ»-и Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ амалӣ гардонида, масоили марбут ба хусусиёти морфологиву синтаксисии калима ва воҳидҳои забониро аз назар гузаронида, дар таҳлили маводи гирдомада ва низомманд гардонидани мавoдди синтаксисии марбут ба ибораҳои номии ба даст омада саъю талош варзидааст. Таҳлил ва таснифи синтаксисии ибора ва ҷумлаҳои матни мавриди назар, нишон додани дараҷаи истеъмоли ҳиссаҳои нутқ, навъҳои ибора ва ҷумла, нишон додани омилҳои забонӣ ва таркибсозӣ барои муассирии сухан дар қолиби насри мусаҷҷаъ кӯшишест, ки то кунун оид ба ин масоил таҳқиқи амиқе анҷом дода нашудааст. Дар ин асос мавзуи диссертатсияи довталаби дараҷаи илмиро мубрам метавон арзёбӣ намуд.

**Навгонии илмии диссертатсия** дар он аст, ки бори аввал забони матни осори яке аз бузургтарин ориф ва шоири машҳуру маъруфи замони Ғазнавиён, ки саромади саҷънависон мебошад, аз нигоҳи забоншиносӣ мавриди пажуҳиши ҳамаҷониба қарор дода шуда, дар диссертатсия ба таври мушаххас қолабҳои ибораоройӣ, навпардозиҳои Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, арзишҳои адабию ирфонӣ, забону услуби эҷодӣ ва мавқеи ибора дар қиссаву ҳикояҳои ӯ бори аввал дар забоншиносӣ баррасӣ шудааст. Илова бар ин, дар диссертатсия сохтори грамматикии ибораҳои номӣ, хусусиятҳои корбурди ибора,

таҳаввули сохтор ва маънои ибораҳои номӣ дар насри мусаҷҷаъ таҳқиқ шудааст. Дар ин замина, хусусиятҳои фарққунандаи матни «Расоили форсӣ» аз дигар осор нишон дода шудааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки диссертант ҳангоми таҳқиқ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии забоншиносони маъруфи ватанию хориҷӣ истифода кардааст. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дар умум, аз дақиқияти илмӣ, мутобиқат намудани ҳаҷми рисола, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ пурра маълум мегардад. **Хулоса ва тавсияҳо** дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқ равшан гардидааст.

**Аҳаммияти назарии диссертатсия дар он зоҳир мешавад,** ки мавод ва натиҷаи таҳқиқи мазкур метавонад дар мураттаб сохтани қонунмандиҳои низоми синтаксисиву услубии забони тоҷикӣ ва таърихи ташаккул ва рушди он ва ҳамчунин, омӯхтани давраҳои алоҳидаи рушди забони тоҷикӣ муфид воқеъ гардад. Хулосаҳои назарии диссертатсияро метавон дар тавзеҳоти синтаксисӣ-грамматикӣ ва сохтории грамматикаи марҳилаи ғазнавӣ дар мисоли мусаҷҷаънависӣ дар давраи нави ташаккули забони адабии тоҷикӣ ва муқобалаи он бо маводди забонии осори асрҳои мобаъд истифода кард. **Маводи интишоргардида** мазмуни асосии диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро дар таълифи диссертатсия нишон медиҳад.

Тоҷидинзода Парвина барои анҷом додани кори таҳқиқӣ дар назди худ мақсаду вазифаҳои мушаххас гузошта, **нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро** дар 13 банд манзур намудааст. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодгардида муҳтавои фаслу бобҳороро инъикос карда, дар самти шинохту таҳқиқи синтаксис, бавижа, ибораҳои номӣ дар давраи нави ташаккули таърихии забони тоҷикӣ аҳаммияти махсуси илмӣ доранд.

Диссертатсияи тақризшаванда дар мавзуи «Вижагиҳои ибораҳои номӣ дар насри мусаҷҷаъ (дар заминаи осори Абдуллоҳи Ансорӣ)» аз муқаддима, се боб, нуҳ фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт таркиб ёфтааст.

Дар муқаддима ба таври мухтасар дар бораи мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмии макотиби касбии олӣ, мақсади таҳқиқ, вазифаҳои таҳқиқ, маводи кори таҳқиқӣ, асосҳои назариявии таҳқиқ, навгониҳои илмии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ки дар ҳақиқат, дар илми забоншиносии тоҷик аҳаммияти вижа доранд, ҳамчунин аҳаммияти назарӣ ва амалии

таҳқиқ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия маълумоти муфид оварда шудааст.

Дар боби аввали диссертатсия, ки **«Вижагиҳои ибораҳои номӣ ва мавқеи он дар насри мусаҷҷаъ»** ном дорад, аз се фасл таркиб ёфтааст. Дар боби мазкур масъалаи омӯзиш ва таҳқиқи ибора ҳамчун муҳимтарин қисмати забоншиносӣ тавсиф гардида, доир ба пажуҳиши ибора, қонуну қоидаҳои асосии ибора дар ҷумла, инчунин, алоқаи байни онҳо маълумотҳои назариявии ҷолиб ироа карда шудааст. Аз ҷумла қайд мешавад, ки ҷанбаҳои гуногуни воҳидҳои синтаксисӣ ҳамчун ибора дар осори классиконамон, ба мисли Абуалӣ ибни Сино, Носири Хусрав ва Насириддини Тусӣ андешаҳои пурарзишеро мушоҳида мекунем. Дар асрҳои баъдӣ дар осори Шамси Қайси Розӣ, Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, Муҳаммад Ғиёсуддини Ромпурӣ ва Воҷидалии Муҷмалӣ дар бораи сохт ва вижагиҳои маънoии ибора андешаҳои ҷолиб баён шудаанд. Вобаста ба асарҳои илмии ҳар як олим ва муҳаққиқони мазкур, хушбахтона, пажуҳишҳои муайяни илмии забоншиносони тоҷик, аз ҷумла, таҳқиқоти Д. Хоҷаев бо номи «Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X-XVI» ва шогирдонаш Ф. Мирзоёров, Н. Қурбонов ва О. Додаров мавҷуд аст. Дар омӯзиш ва таҳқиқи сохти грамматикии забони тоҷикӣ саҳми олимони маъруф, ба мисли Н. Ниёзмуҳаммадов, Н. Маъсумӣ, Д. Тоҷиев, Ш. Ниёзӣ, Ш. Рустамов, Х. Каримов, А. Мирзоев, С. Абдураҳимов, С. Атобуллоев, А. Мирзоев, М.Н. Қосимова, Б. Камолиддинов, Д. Хоҷаев, Л. Пейсиков, Р. Ғаффоров, А. Халилов басо бузург ва назаррас аст. Ин олимон дар таълифоти худ бевосита ба масъалаҳои ибора таваҷҷуҳ кардаанд» (саҳ. 16).

Дар муайян кардани вижагиҳои ибораҳои тоҷикӣ ва, махсусан ибораҳои номӣ, ба осори илмии забоншиносони тоҷик, аз қабили Н. Маъсумӣ, Д.Т. Тоҷиев, М. Н. Қосимова, Б. Камолидинов, А. Мирзоев, Ш. Ниёзӣ, Д. Хоҷаев, С. Сабзаев, Л. Пейсиков, Д.М. Искандарова, М. Акрамов, С. Абдураҳимов, С. Ҳалимов, О. Қосимов, А. Ҳасанов, Т Шокиров, С. В. Хушенова, С. Атобуллоев, Ш. Кабиров, С. Анварӣ, Ш. Каримов, Ф. Х. Шарифова, М. Саломов, З. Мухторов, Ш. Хаитова, Қ. Мухторӣ, Х. М. Камолзода, С. Қурбонов, Ж. Гулназарзода, А. Солиев, А. Ғаффоров иттико намудааст, ки воқеан ҳам муҳаққиқони мазкур дар ин самт дасти бартаре доранд ва шоистаи тақлид ва илҳомгирӣ мебошанд.

Фасли дувуми рисола **«Дараҷаи омӯзишу таҳқиқи насри мусаҷҷаъ дар забоншиносӣ»** унвон дошта, дар он оид ба омӯзиш ва таҳқиқи насри мусаҷҷаъ аз оғоз то замони имрӯз мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар фасли мазкур насри мусаҷҷаъ чун як навъи насри маснуъ ва наздик ба назм тавсиф ёфта (саҳ. 17) қайд карда мешавад, ки: «Насри мусаҷҷаъ дар

адабиёти араб маълум буд ва аз асри XI дар насри тоҷикӣ батадриҷ расм шуд. Вай оҳангнокии суханро афзуда, забони насрро ба каломи манзум наздик сохт. Насри мусаҷҷаъ мансуб ба ҳунари таълифу нависандагист ва чун услуби ҳунарии адабиёт пайдо шуда ва инкишоф ёфтааст. Сухани шифоҳӣ бори чунин пардозу ҳунарро надорад ва саҷъ дар нутқи гуфтугӯӣ кам истифода мешавад» (саҳ. 18).

Тавре муаллиф иттилоъ додааст, таълиф ба сабки мусаҷҷаъ ҳанӯз аз асрҳои 1X-X оғоз ёфта, нахуст сода буд ва баъдан дар асрҳои XI-XII мураккаб гардид. Намоёнтарин чеҳраҳои саҷънависи адабиёти мо Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, Ҳамидуддини Балхӣ, Абусаиди Абулхайр, Саъдии Шерозӣ мебошанд.

Дар фасли сеюми боби якум, ки **«Мавқеъ ва нақши ибораҳои номӣ дар насри мусаҷҷаъ»** ном дорад, мавқеъ ва нақши ибораҳои номӣ дар насри мусаҷҷаъ баррасӣ гардиданд.

Боби дувуми диссертатсия «**Вижагиҳои корбурди ибораҳои номӣ дар «Расоили форсӣ»-и Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ»** ном дошта, дар фасли аввали он **«Ибораҳои содаву мураккаб дар рисолаҳои Абдуллоҳи Ансорӣ»** диссертант ибораҳои номиро ба сода ва мураккаб ҷудо намуда, таҳқиқ кардааст.

Фасли дувуми боби дувум ба «**Вижагиҳои ифода ва услуби ибора дар «Расоили форсӣ»** бахшида шуда, дар он хусусиятҳои фарққунандаи ибора дар насри мусаҷҷаи Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ баррасӣ шудааст. Дар «Расоили форсӣ»-и Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ якчанд хусусиятҳое, ки забони осори ӯро аз осори дигарон мутафовит месозад, аз қабили, интихоби як навъи алоқаи ибора дар як матн, истифодаи як ҳиссаи нутқ дар чанд ибора нишон дода шудааст. Ба унвони мисол, дар ибораҳои ***ним дирам, ҳазор маҷлис, як дирам, сад намоз, ш***умора ба ҳайси тобеъшаванда ба исмҳо бо роҳи алоқаи ҳамроҳӣ тобеъ гардидаанд. Чунончи, аз мисоли мазкур аён аст, «дар як матни хурд панҷ ибора бо роҳи алоқаи ҳамроҳӣ ба ҳам тобеъ гардидаанд. Хусусияти фарққунандагии ин матн ва ибораҳое, ки дар он истифода гардидаанд, дар он зоҳир мегардад, ки дар он ҳам мутаносибии сухан, ҳам ибораҳои бо як навъи алоқа шаклгирифта ва ҳам иштироки як ҳиссаи номии нутқ ба чашм мерасад. Ибораҳои дар мисоли боло овардашуда, ба мисли *як дирам, ним дирам, сад намоз, ҳазор масҷид,* дар баробари аз ҷиҳати алоқа ва аз ҷиҳати ба як ҳиссаи нутқ тааллуқ доштанашон, онҳо бо ҳамдигар робитаи маъноӣ дошта, оҳанги мусаҷҷаъро дар матн равшан намудаанд. Ин ба он мемонад, ки задаи матни мазкур маҳз дар ҳамин ибораҳо ҷойгир гардидааст» (саҳ. 21).

Дар фасли севум, ки «**Таҳаввули сохтор ва маънои ибораҳои номӣ дар «Расоили форсӣ»**« унвон дорад, масъалаҳои таҳаввулоти сохторию маъноии ибораҳои номиро дар асоси маводи «Расоили форсӣ» бо шаклу қолабҳои гуногун мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

**Боби сеюми** рисола **«Таснифи сохтории ибораҳои номии «Расоили форсӣ» аз рӯйи алоқа»** ном дошта, се фаслро дар бар мегирад. Ҳамаи фаслҳо боз дар навбати худ ба зерфаслҳо ҷудо гардидаанд. Дар фасли якуми боби сеюм, ки **«Ибораҳои номии пешояндӣ»** ном гирифтааст, ибораҳои номӣ бо пешояндҳо таҳқиқ шудааст. Дар фасли мазкур ибораҳои номӣ ба ибораҳои исмии пешояндӣ, сифатии пешояндӣ, шуморагии пешояндӣ, ҷонишинии пешояндӣ, номии изофӣ, изофии исмӣ, изофии сифатӣ, номии алоқаи ҳамроҳӣ, исмии алоқаи ҳамроҳӣ, сифатии алоқаи ҳамроҳӣ, шуморагии алоқаи ҳамроҳӣ, ҷонишинии алоқаи ҳамроҳӣ гурӯҳбандӣ шуда, ҳар кадом бо овардани мисолҳои намунавӣ таҳлилу баррасӣ гардидаанд.

**Дар хулосаи диссертатсия** ба тариқи фишурда натиҷаи таҳқиқот ҷамъбаст гардидааст, ки он ифодакунандаи хусусиятҳои умумии ибораҳои номӣ ва забони «Расоили форсӣ» мебошад.

Дар анҷоми диссертатсия рӯйхати адабиёт ва манбаъҳои истифодашуда, оварда шудааст, ки феҳрист мувофиқ ба талабот ва меъёрҳои муқарраршуда мураттаб гардидааст.

Рисола бо забони хуби илмӣ таълиф шуда, бандубасти мавод дар бобҳо ва фаслҳо мантиқан мураттаб ва пайдарҳам оварда шудааст.

Натиҷагириҳои илмӣ дар диссертатсия ва автореферат бо мулоҳизоти эътимоднок қайд шудаанд.

Дар қатори муваффақиятҳо дар диссертатсия ва автореферат якчанд норасоиҳо низ дида мешавад, ки зикри онҳо ҷиҳати ислоҳ арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро боло хоҳад бурд:

1. Дар бахши дараҷаи таҳқиқи мавзуъ аз забоншиносони машҳури мутақаддим ва мутааххири соҳа, ки дар иртибот ба мавзуи таҳқиқ назару андешае доранд ва корҳои илмӣ анҷом додаанд, ёдовар мешавад, вале баъзе аз онҳо, ки дар таркиби матн аз онҳо А. Ғаффоров, М. Темурова ба унвони муҳаққиқони ибора ёд мекунад, номи эшон ва кори эшон дида нашуд.
2. Дар муқаддима агар ақаллан як сархат доир ба нусхаҳо, нашрҳо, арзиши илмӣ-забонии нусхаҳои мавҷуди осори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ маълумот дода мешуд, сифати кор беҳтар мегардид.
3. Ғалатҳои услубӣ-маъноӣ аз қабили фарқ нагузоштан байни истилоҳи «осори бо забони форсӣ маҳфузмонда» аз «осори классикӣ» (саҳ. 155), ё сабки баёни баъзе ҷумлаҳо ба андозае аз равиши баёни диссертант дур шудаанд ва

ба сабки баёни маводди омӯхташаванда низ қаробат надоранд, мисли: «Ба андешаи муҳаққиқ М. Саломиён доир ба насру назм чунин аст, ки» (саҳ. 84), «Ин мисолҳои бо лаҳн ва бо мафҳуми зебое, ки дорои ҳам маъноҳои луғавии бой ва ҳам гармматикиан, метавонанд далел бошанд ба ақидаҳои овардашуда» (саҳ. 85), дар сархате аз бандҳои хулоса истифодаи ҷумлаи унвонӣ мисли зермавзуъ (саҳ. 152), ҷой додани банди хулосавӣ дар мобайни зерфасл (саҳ. 124), ҳол он ки бандҳои аҳаммияти хулосавидошта дар охири боб, фасл ё ҳадди ақал зерфасл бояд оварда шаванд, баррасишаванда нишон дода намешавад.

4. Ғалатҳои техникӣ аз қабили часпида омадани қавсайн ва қилобҳо (дропҳо) бо калима ва аломатҳои моқабли худ (саҳ. 23, 24, 25), ё афтидони калимаҳо «ибораҳои сифату ҷонишин» (саҳ. 128), ки бояд «ибораҳои изофии сифату ҷонишин» навишта мешуд.

5. Унвони сархат номгузорӣ шудааст: «Ибораҳои ҷонишини шахсӣ бо ҷонишини номуайянӣ», вале дар тавзеҳоти назариявӣ ва мисолҳои амалӣ «Ибораҳои ҷонишини шахсӣ бо ҷонишини ишорӣ» дида мешаванд.

6. Ба назар чунин мерасад, ки баъзе калимаҳо аз мутуни классикӣ ё форсӣ нодуруст хонда шудааст, мисли «Ансории Ҳаравӣ», «Қодир Баллаҳ» (саҳ. 9), ки бояд «Ансории Ҳиравӣ», «Қодир Биллоҳ» бошад, «дар шабаҳкорраи Ҳинд» (саҳ. 45), ки бояд «дар шибҳиқораи Ҳинд» бошад.

7. Гузоштани ташдидҳои иштибоҳӣ ва партофтани ташдидҳои аслӣ (саҳ. 6, 7...), мисли: муҳақиқон, ҳали худро наёфтаанд ва ғ.

Камбудӣ ва нуқсонҳои зикргардида арзиши илмии диссертатсия ва автореферати тақризшавандаро паст карда наметавонад, зеро дар умум, мазмуну муҳтавои рисола дуруст инъикоси амалии худро ёфтаанд ва муқаддимаву бобҳои дохилии рисола тавонистаанд, иттилои арзишмандеро дар бораи хусусиёти забонии «Расоили форсӣ» ва вижагиҳои ибораҳои номӣ ироа намоянд. Аз ин ҷиҳат, диссертатсияи номзадии Тоҷидинзода Парвина кори илмии баанҷомрасида буда, ба талаботе, ки КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст, мувофиқ мебошад.

Авторефераи диссертатсия ва силсилаи мақолоте, ки диссертант доир ба мавзуъ дар маҷаллаҳои илмии таъйиднамудаи Комиссияи олии аттестатсионӣ чоп кардааст, муҳтавои диссертатсияро инъикос намудаанд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Хулоса, диссертатсияи Тоҷидинзода Парвина дар мавзуи «Вижагиҳои ибораҳои номӣ дар насри мусаҷҷаъ (дар заминаи осори Абдуллоҳи Ансорӣ)» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) мебошад.

**Муқарриз:**
Номзади илми филология, дотсенти
кафедраи назария ва амалияи
забоншиносии Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ — Раҳмонов Бахтиёр Нураҳмадович

Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
н. Варзоб, ҷ/д. Чорбоғ, деҳаи Шодоб 63.
**Тел.**: (+992) 938701720
**E-mail**: zobit@list.ru
«21» апрели соли 2025

Имзои дотсент Раҳмонов Бахтиёр
Нурмаҳмадовичро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ — Мустафозода Абдукарим

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.

ДДОТ ба номи С. Айнӣ.
E-mail: info.tgpu.tj, тел.: +992 (37) 2241383
«21» апрели соли 2025